**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02. 01 – Забони тоҷикӣ**

Диссератсияи Зулфониён Раҳим Раҷабзода ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик – ҷойномшиносӣ (топонимика) бахшида шудааст. Дар ин замина ҳарчанд корҳои шоиставу намоён аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз зумраи А. А. Фрейман, А.В. Суперанский, М. Н. Боголюбов, В.А. Лившитс, А.А. Хромов, М. И. Стеблин-Каменский, Ҷ. Эделман, Ж. Лазар, А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, Н. Офардаев, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, Р. Шодиев ва дигарон анҷом шуда бошанд ҳам, вале то ҳол укдаи бисёр масъалаҳои топонимӣ дар таҳқиқоти ҷойномҳои Тоҷикистон кушода нашудаанд.

Бинобар ин, рӯ овардан ба ин мавзуъ ва таҳқиқ намудани он қадами навбатие дар кушоиши сирру асрори ҷойномҳои таърихии Тоҷикистон мебошад. Таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофи Паҷакент, ки ҷузъе аз Тоҷикистон аст ва таърихи хеле куҳан дорад, айни муддаост. Чуноне ки худи муаллифи рисолдаи номзадӣ қайд мекунад: «Панҷакент маркази водии Зарафшон ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди он гузаштагони тоҷикон – суғдиён умр ба сар бурдаанд. Бинобар ин, дар топонимикаи ин минтақа бисёр номҳои суғдӣ ва иқтибосот аз дигар забонҳо маҳфуз мондааст... Омӯзиши хусусиятҳои забонии топонимҳои минтақаи мазкур ҷиҳати таҳқиқи фарогири минбаъдаи топонимикаи минтақавӣ мусоидат карда, барои муайян кардани марҳилаҳои инкишофи таҳаввулоти топонимии забони тоҷикӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо имконият фароҳам меорад» (автореф. с. 3).

Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ дуруст буда, дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзуи рисола, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, усул ва методи таҳқиқ, навоварии илмӣ рисола ва саҳми шахсии муҳаққиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзуъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали рисола «Таҳқиқи луғавию маъноии топонимҳои минтақаи Панҷакент», ки аз 14 фасл таркиб ёфтааст, доир ба масъалаҳои назариявии топонимика, ки корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватании ба ин мавзуъ бахшида шудаааст, иттилоъ дода, дар фаслҳои он оид ба хусусиятҳои табиии ойконимҳо, оронимҳо, гидронимҳо, антропонимҳо, этнотопонимҳои минтақаи Панҷакент маълумот медиҳад.

Дар боби дигари рисола «Дараҷаи омӯзиши микротопонимҳои минтақаи Панҷакент», ки аз ду фасл ташкил ёфтааст, муаллифи рисола таҳқиқоти муҳаққиқони ҷойномшиноси хориҷиву ватанӣ О.И. Смирнова, А.А. Фрейман, В.А. Лившитс, М.Н. Боголюбов, А. Рустамов, А.Л. Хромов, П.Б. Лурйе ва Б. Тураевро, ки ба таҳқиқи водии Зарафшон, аз ҷумла, минтақаи Панҷакент бахшида шудаанд, мавриди таҳлил қарор додааст. Дар фасли дуюми боби мазкур муаллифи диссертатсия этимологияи баъзе топонимҳои минтақаи Панҷакентро тафсир кардааст.

Боби охири диссертатсия «Таҳлили сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» номгузорӣ шуда, аз чор фасл ва зерфаслҳо ташкил шудааст. Дар ин боб масоили омӯзиши сохтори номвожаҳои минтақаи Панҷакент, таҳлили сохтории топонимҳои эрониасос, аз ҷумла, таҳлили сохтории топонимҳои эрониасос, хусусан, топонимҳои содаи тоҷикӣ, топонимҳои сохтаи тоҷикӣ, топонимҳои мураккаби тоҷикӣ, топоним-ибораҳои тоҷикӣ, топоним-ибораҳо бо асосҳои тоҷикӣ-суғдӣ ва суғдӣ-тоҷикӣ, топонимҳои иқтибосӣ ва омехта аз ҷиҳати маъно ва сохтори грамматикӣ таҳлил шудаанд.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 23 банд ҷамъбаст кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия чанд камбуду норасоиҳое ба назар расиданд, ки ба назари мо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Хуб мешуд, агар дар номи рисола дар ҷойи ибораи «номвожаҳои ҷуғрофӣ» вожаи «ҷойномҳо» истифода мешуд, зеро истилоҳи «топоним» -ро мо метавонем дар забони тоҷикӣ бо як калимаи мураккаби сохташуда ифода намоем.
2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 8, 17 ва ғ.)

Новобаста аз камбудиҳои зикргардида, рисолаи номзадии Зулфониён Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» кори илмии баанҷомрасидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ муҳтавои диссертатсияи номзадиро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии рисола ба меъёрҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавоб дода метавонад. Дар маҷмуъ аз ошноӣ ба рисолаи номзадии Зулфониён

Раҳим Раҷабзода дар мавзуи «Таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории номвожаҳои ҷуғрофии минтақаи Панҷакент» бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Бинобар ин, мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.


Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Матробиён Саодатшо Қосимзода


«19» декабри соли 2023


Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42
E-mail: s.matrobov@mail.ru
Тел: (+992) 93 508 71 38


ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Имзои С.Қ.Матробиёнро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Сафарзода Файзалӣ

«19» декабри соли 2023